Стандарти КИА СММ
оид ба фурӯш ва назорати
сифати маҳсулот





# ЗАРДОЛУИ ХУШК DDP-15

*Китобчаи эзоҳӣ*

ОРГАНИЗАЦИЯ
ОБЪЕДИНЕННЫХ
НАЦИЙ

Стандарти КИА СММ
оид ба фурӯш ва назорати
сифати маҳсулот





# ЗАРДОЛУИ ХУШК DDP-15

*Китобчаи эзоҳӣ*

ОРГАНИЗАЦИЯ
ОБЪЕДИНЕННЫХ
НАЦИЙ

# Эзох

Торговые стандарты качества сельскохозяйственной продукции разрабатываются и утверждаются Рабочей группой по сельскохозяйственным стандартам качества Европейской экономической комиссии Организации Объединенных Наций. Эти международные стандарты способствуют упрощению процедур торговли, стимулируют производство высококачественной продукции, содействуют повышению прибыльности и защищают интересы потребителей. Они используются правительствами, производителями, торговыми организациями, импортерами и экспортерами, а также международными организациями. Они охватывают широкий круг сельскохозяйственных товаров, включая свежие фрукты и овощи, сухие и сушеные продукты, семенной картофель, мясо, срезанные цветы, яйца и продукты из яиц.

Пояснительная брошюра к новому Стандарту на Сушеные абрикосы была подготовлена для обеспечения единообразного толкования стандарта и, соответственно, упрощения торговли этим продуктом на международных и национальных рынках. Она адресована производителям и торговым организациям, а также контрольным органам. Она согласуется с последним изданием нового Стандарта на сушеные абрикосы (DDP 15), принятым в 2016 году. Последующие версии стандарта, в случае его пересмотра, будут помещаться на веб-сайте: https://unece.org/trade/wp7/DDP-Standards .

Все члены Организации Объединенных Наций могут на равноправной основе участвовать в деятельности Рабочей группы по сельскохозяйственным стандартам качества.

Дополнительную информацию можно получить на веб-сайте: https://unece.org/trade/working-party-agricultural-quality-standards-wp7

Употребляемые обозначения и изложение материала в настоящем издании не означают выражение со стороны Секретариата Организации Объединенных Наций какого бы то ни было мнения относительно правового статуса той или иной страны, территории, города или района или их властей или относительно делимитации их границ. Упоминание отдельных компаний или товаров/услуг не означает, что Организация Объединенных Наций отдает им предпочтение.

Все материалы можно свободно цитировать или перепечатывать, однако при этом необходимо давать соответствующее уведомление.

Любые замечания или запросы просьба направлять по следующему адресу:

**Agricultural Quality Standards Unit**
United Nations Economic Commission for Europe
Palais des Nations
CH-1211 Geneva 10, Switzerland
e-mail: agristandards@unece.org

ECE/TRADE/
Copyright© United Nations, 2016
All rights reserved

Китобчаи эзоҳии Стандарти КИА СММ DDP-15 оид ба фурӯш ва назорати сифати зардолуи хушк (нашри 2016) дар чаҳорчӯбаи фаъолияти Гурӯҳи кории Осиёи Марказӣ дар самти пешбарии стандартҳои сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар Осиёи Марказӣ аз тарафи гурӯҳҳои техникӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон) таҳия гардидааст.

Китобчаи мазкур дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи "CANDY-IV" бо дастгирии молиявии давраи чаҳоруми барномаи Иттиҳоди Аврупои " Осиёи Марказӣ Инвест" ба табъ расидааст.

Ба мазмун ва мундариҷаи китобчаи эзоҳӣ Hilfswerk International ва Маркази Идоракунии Сифат масъул аст ва нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро инъикос наменамояд.

Барои саҳми назаррасашон дар таҳия, коркард ва тасдиқ гардонидани китобчаи эзоҳи ба гурӯҳи кории Осиёи Марказӣ ва гурӯҳҳои техникии минтақавӣ минатдори баён карда мешавад.

Миннатдории бепоён инчунин ба **Комиссияи Иқтисодии Аврупоии СММ** ва намояндаи Вазорати Савдои Туркия мӯҳтарам Эмре Кириджиоглу барои маслиҳат ва машваратҳои муфид дар таҳияи китобчаи эзоҳӣ баён карда мешавад.

**Дар таҳияи китобчаи эзоҳӣ ташкилотҳои зерин саҳми худро гузоштанд:**

Ассотсиатсияи байналхалқии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон «МАПЭСТ»;

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маркази стандартизатсия ва метрологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон "ҚИРҒИЗСТАНДАРТ";

Агентии «УЗСТАНДАРТ» Агентии стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи Ҷумҳурии Узбекистон;

ТҶ Маркази Идоракунии Сифат «МИС»;

Барномаи минтақавии GIZ «Содда намудани расмиёти савдо дар Осиёи Марказӣ»;

Лоиҳаи минтақавии БРСММ "Аврупои Фарроҳ: Мусоидат ба савдо дар Осиёи Марказӣ";

Hilfswerk International, ташкилоти байналмилалӣ;

# Мундарича


I. Доираи татбиқи маҳсулот ........ 1

II. Муқаррароти сифати маҳсулот ........ 9

III. Муқаррароти андозаи маҳсулот ........ 29

IV. Муқаррароти ҳадди иҷозат ........ 33

V. Муқаррароти намуди зоҳирии маҳсулот ........ 35

VI. Муқаррароти тамғазанӣ ........ 39

Замима I Овезаи (плакати) КИА СММ DDP-15, оид ба сифати зардолуи хушк ........ 42

Замима II Стандарти КИА СММ DP-15, оид ба фурӯш ва назорати сифати маҳсулот ........ 43


*Матни расмии Стандарт бо ҳуруфи кабуди ғафс ифода ёфтааст; матнҳои эзоҳии Стандарт- бо ҳуруфи сиёҳ. Истинодҳои расмҳои ба сифати аёният истифодашаванда бо ҳуруфи сиёҳ ифода шудаанд. Тамоми матни Стандарт бе матни эзоҳӣ дар замимаи II оварда шудааст.*




# Доираи татбиқи маҳсулот

# I. Определение продукта

**Стандарти мазкур нисбати зардолуи хушки навъи Prunus armeniaca L.,ки барои истеъмол пешбинӣ шудааст, татбиқ карда мешавад. Стандарт нисбати зардолуи хушки коркардшуда ва ё барои коркарди саноатӣ пешбинишуда ба истиснои зардолуи хушке, ки бо дигар маҳсулотҳо омехта шуда, барои истеъмол пешниҳод мегардад, татбиқ карда намешавад.**

**Намудҳои зардолуи хушки барои фурӯш пешбинишуда:**

- **зардолуи хушки бутун бо донакҳо**
- **зардолуи хушки бутун бе донакҳо**
- **пораҳои зардолуи хушке, ки пеш аз хушк кардан буридашуда ба ду қисм тақсим**
- **шудааст**
- **зардолули хушки пухта гузашта: зардолуи бутун ва кафккардашудаи пораи**
- **шаклашон нодуруст, ғафсӣ ва андозаи нобаробардошта, ки шакли табии худро гум**
- **карда, канорашон пурра ҳамвор гардидааст**



**Эзоҳ:** Намунаҳои намудҳои зардолуи хушк дар **расмҳои 1−4** нишон дода шудааст.

**Расми 1**

Таърифи маҳсулот
- зардолуи хушки бутун
бо донакҳо



**Расми 2**

Таърифи маҳсулот - зардолуи хушки бутун бе донакҳо





**Расми 3**

Таърифи маҳсулот - пораҳои зардолуи хушк





**Расми 4**

Таърифи маҳсулот - зардолули хушки пухтагузашта

сифати маҳсулот



# Муқаррароти сифати маҳсулот

# II. Му арароти сифати ма сулот

**Мақсади Стандарти мазкур муқаррар намудани талабот ба сифати зардолуи хушк пас аз омода кардан, борпечкунӣ, ҳангоми гузаронидани назорати содирот аст. Дар ҳолати Стандарти мазкурро пас аз содироти маҳсулот татбиқ кардан пас содирот соҳиб/фурӯшанда ба риояи талаботи он масъул аст. Соҳиб/фурӯшанда маҳсулоти ба талаботи Стандарти мазкур ҷавобгӯ набударо таҳвил ва ба фурӯш пешниҳод карда наметавонанд ва ё онро бо ягон воситаи дигар таҳвил ва ба фурӯш бароварда наметавонад.**

## A. Талаботҳои ҳадди ақал[1]

**Ҳамаи намудхои зардолуи хушк дар сурати риояи шартҳои махсус барои ҳар як навъи он ва ҳадди иҷозат, бояд чунин намуд дошта бошанд:**



- **Зардолуи безахм; мавҷудияти қисмҳои хурди зоҳирӣ нуқсон ҳисобида намешавад; меваҳо метавонанд бедонак ва ё нафккардашуда ба фурӯш гузошта шаванд;**

**Эзоҳ: Зардолуи хушк набояд захмдор бошад, аз ин бармеояд, ки зардолуи хушк бояд аз меваи безахм ва бенуқсон тайёр карда шавад.**

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки безахм» дар расмҳои 5–6 нишон дода шудаанд.

[1] Таърифи истилоҳҳо ва нуқсонҳо дар замимаи 111 дар шакли намунавии стандарти «Истилоҳҳои тавсияшаванда ва таърифи нуқсонҳо барои стандартҳои маҳсулоти хушк (чормағзи хушк ва мағзи он) ва хушккардашуда» оварда мешавад. http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayout DDP_e.pdf%3e..

**Расми 5**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки безахм». Мавҷудияти захмҳои ҷузъи ҷоиз аст





**Расми 6**

алаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки безахм». Мавҷудияти зардолуи хушки захмдор ва порашуда – ҷоиз нест

- **Зардолуи босифат; маҳсулоти пӯсида ё вайроншуда, ки барои истеъмоли инсон зараровар аст, ҷоиз нест;**

**Эзоҳ:** Зардолуи хушк набояд ба ягон касалӣ ва ё вайроншавӣ, ки ба намуди зоҳирии он таъсири ҷиддӣ расонидааст, гирифтор шуда бошад.

Зардолуи хушки пӯсида ва нуқсонҳои зерин дошта роҳ дода намешавад.:
- пӯсида, агар аломати пӯсидашавӣ зиёд ба назар расад

Намунаи талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки босифат» дар **расми 7** нишон дода шудааст. .



**Расми 7**

Талаботи ҳадди ақал: «Зардолуи босифат». пӯсидашавӣ
аз тарафи чап
– ҷоиз аст
аз тарафи рост
– ҷоиз нест



- **Тоза; бе ягон  моддаҳои бегона**

**Эзоҳ:** ифодаи “феълан ба назар намерасад ” маънои онро дорад, ки танҳо мавҷудияти миқдори хеле ками моддаҳои бегона ҷоиз аст.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали “зардолуи хушки тоза”, дар **расмҳои 8-11** нишон дода шудаанд.



**Расми 8**

Талаботи ҳадди ақал «зардолуи хушки тоза». Тоза (мавҷудияти миқдори ночизи моддаҳои бегонаи растаниҳо ҷоиз аст)

- Ҷоиз аст дар ҳадди муқарраршуда



**Расми 9**

Талаботи ҳадди ақал «зардолуи хушки тоза». Мавҷудияти миқдори ночизи моддаҳои бегонаи растаниҳо ҷоиз аст





**Расми 10**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки тоза». Мавҷудияти миқдори муайяни моддаҳои бегонаи растаниҳо – ҷоиз нест



**Расми 11**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки тоза». Мавҷудияти миқдори зиёди гил – ҷоиз нест.



- пурра инкишофёфта;

**Эзоҳ:** Зардолуҳои барои хушккунӣ пешибинишуда бояд пурра инкишофёфта бошад. Агар меваи зардолу пурра инкишофёфта набошанд, андоза ва ранги хос дошта наметавонанд. Зардолуҳои хушки пурра инкишофнаёфта ҷоиз нест.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали «зардолуҳои хушки пурраинкишофёфта » дар **расми 12** нишон дода шудаанд.

**Расми 12**

Талаботи ҳадди ақали «пурра инкишофёфта». Аз тарафи чап – зардолуи пурра инкишофёфта; Аз тарафи рост – зардолуи пурра инкишофнаёфта – ҷоиз нест



**- Бе ҳашаротҳои зараррасон, новобаста аз марҳилаи инкишофи онҳо;**

**Эзоҳ:** мавҷудияти ҳашароти зараррасон ба намуди зоҳирии зардолуи хушк ва нигоҳдории он таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин мавҷудияти маҳсулоте, ки дар он аққалан як ҳашароти зинда мавҷуд аст, иҷозат дода намешавад. Дар ин ҷо истилоҳи «ҳашароти зараррасон» ҳамаи намуди ҳашарот ва канаҳоро дар ҳолати гуногун, аз ҷумла тухми ҳашарот ва кирми онҳо.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали маҳсулоти «бе ҳашароти зараррасони зинда, новобаста аз давраи инкишофи онҳо» дар **расми 13** нишон дода шудаанд.





**Расми 13**

Талаботи ҳадди ақали «бе ҳашароти зараррасони зинда». Мавҷудияти ҳашароти зараррасони зинда новобаста аз давраи инкишофи онҳо - ҷоиз нест.

- **Бе нуқсонҳои ҳашароти зараррасонидашуда,инчунин маҷудияти ҳашаротҳои мурда ё канаҳо, боқимондаҳои онҳо.**

**Эзоҳ:** Зардолуи хушк набояд захми аз тарафи зарарасонҳо расонидашуда, аз ҷумла хояндаҳо дошта бошад. Дар он набояд ҳашаротҳои мурда ва ё боқимондаҳои онҳо (тухмҳо, кирмҳо) баназар расад.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали “ бе захми аз тарафи зарарасонҳо расонидашуда ” дар **расми 14** нишон дода шудаанд.





**Расми 14**

Талаботи ҳадди ақали маҳсулоти «бе захми аз тарафи зарарасонҳо расонидашуда». Маҳсулоти захмдор иҷозат дода намешавад.

- **Бе нуқсонҳои зоҳирӣ, қисмҳои рангашон дигаргуншуда ё доғҳои паҳншуда, ки аз дигар қисми маҳсулот фарқ мекунанд ва дар маҷмӯъ 5% руйи маҳсулотро рӯйпӯш мекунанд. ;**

**Эзоҳ:** Мавҷудияти зардолуҳои хушки нуқсонҳои зоҳирӣ, қисмҳои рангашон дигаргуншуда ё доғҳои паҳншудадошта , ки на зиёд аз 5% руйи маҳсулотро рӯйпӯш мекунанд барои ҳамаи навъҳо ҷоиз аст. Зардолуи хушки нуқсонҳои зоҳирӣ, қисмҳои рангашон дигаргуншуда ё доғҳои паҳншуда дошта, ки зиёда аз 5% руйи маҳсулотро рӯйпӯш мекунанд, ҷоиз нест.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе нуқсонҳои зоҳирӣ» дар **расмҳои 15–18** нишон дода шудаанд.



**Расми 15**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе нуқсонҳои зоҳирӣ». Қисматҳои доғдори на зиёда аз 5% сатҳи умумӣ - ҷоиз аст дар ҳадди муқарраршуда





**Расми 16**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе нуқсонҳои рӯякӣ». Мавҷудияти қисматҳои офтобсӯхта на зиёд аз 5% сатҳи умумӣ – ҷоиз аст дар ҳадди муқарраршуда





**Расми 17**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе нуқсонҳои зоҳирӣ». Қисматҳои доғдори зиёда аз 5% сатҳи умумӣ - ҷоиз нест

**Расми 18**

Минимальное требование “без поверхностных пороков”. – слева: пробковая кожура справа: серьезный дефект цвета - оба дефекта, превышающие 5% общей поверхности. − допускаются в пределах



- **Бе нахи мағоршуда;**

**Эзоҳ:** Намнокии барзиёди зардолуи хушк ва ё намнокии зиёди бинои анбор , инчунин гармии ҳаво ҳангоми нигоҳ доштани маҳсулот боиси пайдо шудани мағор ва мағордор шудани он, пайдо шудани наххои мағор ва ё спораҳо дар зардолуи хушк мегардад, ки ба ранги маҳсулот, таркиб, бӯй ва тамъи он таъсири манфӣ мерасонад.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали “ зардолуи хушки бе мағор ” дар расми 19 нишон дода шудааст.



**Расми 19**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе мағор». Мавчудияти чузъи ва хеле ками нахи мағор чоиз аст дар ҳадди муқарраршуда



- **Бе ферментатсия;**

**Эзоҳ:** Ҷараёни карбогидрадҳоро таҷзияи ферментативӣ намудани микроорганизмҳо дар шароити анаэробӣ , ки боиси дигаргун шудани таркиб, ранг ва мағзи зардолуи хушк мегардад.

Намунаҳои талаботи ҳадди ақали " зардолуи хушки бе ферментатсия ", дар **расми 20** нишон дода шудааст.



**Расми 20**

Талаботи ҳадди ақали «зардолуи хушки бе ферментатсия». Мавҷудияти ҷузъи ва хеле ками ферментатсия - ҷоиз аст дар ҳадди муқарраршуда



- **Бе намокии гайриодди сатҳи маҳсулот;**

**Эзоҳ:** Муқаррароти мазкур нисбати мавҷудияти намнокии зиёди маҳсулот , масалан, дар натиҷаи мавҷудияти об дар дохили борпеч, пешбинӣ шудаасст.

Риояи муқаррароти намнокии ҳадди аксари  маҳсулот, ки дар банди 2.В оварда шудааст бояд таъмин карда шавад.

- **Бе бӯй ё тамъи бегона, ба ғайр аз тамъи сабуки натрий хлорид ё хлориди калсий ва бӯйи консервантҳо, аз ҷумла дуокиси сулфур**

**Эзоҳ:**  муқаррароти мазкур нисбати зардолуи хушки дар шароити бад нигоҳдошташуда ва ё таҳвилёфта, ки боиси бӯй ва тамъи бегона пайдо намудани зардолу гардидааст, масалан дар натиҷаи бо дигар маҳсулоти бӯи баланддошта якҷоя нигоҳ доштан пешбинӣ шудааст.

**Ҳолати зардолуи хушк бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:**

- **ҳангоми интиқол, бор кардан ва борфурорӣ тоб оварда тавонад**
- **ба ҷойи таъиншуда дар ҳолати хуб расонида шавад .**

## B. Миқдори намнокӣ[2]

**Миқдори намнокӣ дар зардолуии хушк бояд чунин бошад:**

- **на кам аз 25,0% барои зардолуи хушки бо консервантҳо коркарднашуда;**
- **зиёда аз 25,0% аммо на кам аз 40,0% барои зардолуи хушки бо консервантҳо коркардшуда ва ё бо воситаи дигар усулҳо бо мақсади нигоҳ доштани онҳо коркардшуда (масалан бо роҳи пастерезатсия) Дар баробари ин барои маҳсулоти намнокиаш аз 32% то 40% дар тамғаи он бояд баланд будани намнокии маҳсулот нишон дода шавад ва ё номи эквиваленти он истифода шавад**

**Эзоҳ:** ҳадди аксари намнокӣ хадди ҷоизи намнокии маҳсулоти барои фурӯш пешбинишударо дар назар дорад. Миқдори намнокӣ дар маҳсулоти гуногун якхела нест ва аз таркиб ва мағзи мева вобаста аст, аммо бояд дар назар дошт, ки намнокии аз ҳад зиёд боиси афзоиши микроорганизмҳо ва ҳашаротҳо ва дар натиҷаи он вайроншавии маҳсулот мегардад.



ҷадвали 1

| Намуди маҳсулот | Ҳадди аксари намнокӣ бо % (аз рӯи вазн) |
|---|---|
| Зардолуи хушки бо консервант коркарднашуда; | На зиёд аз 25,0% |
| Зардолуи хушки бо консервант коркардшуда; | Зиёда аз 25,0%, аммо на зиёд аз 40,0% |

## C. Таснифот

**Тибқи талаботи ҳадди иҷозати нуқсонҳо, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат» оварда шудааст, зардолуи хушк ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:**

**навъи олӣ, навъи якум, навъи дуюм:**

**Нуқсонҳои ҷоиз набояд ба намуди умумии маҳсулот, сифати ва намуди он дар борпеч таъсири манфӣ расонад.**

**Эзоҳ:** Намунаҳои вобаста ба таснифот дар **расмҳои 21-24** оварда шудаанд.
( мутобиқи банди IV, Муқаррароти ҳадди иҷозат, нигаред ба саҳ.31)

[2] Миқдори намнокӣ бо усуле, ки дар замимаи I дар шакли намунавии стандарти «Муайян намудани нигоҳдории намнокӣ дар маҳсулотҳои хушк» нишон дода шудааст, муқаррар мегардад. http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/Standard ayoutDDP_e.pdf%3e. ҳангоми ба амал омадани баҳсҳо усули озмоишӣ тибқи эталон истифода мегардад.

**Расми 21**

Намунаи зардолуи хушки табии.



**Расми 22**

Намунаи зардолуи хушки табии.



**Расми 23**

Намунаи зардолуи хушки бо SO2 коркардшуда





**Расми 24**

Намунаи зардолуи хушки бо SO2 коркардшуда





# Муқаррароти андозаи маҳсулот

# III. Муқаррароти андозаи маҳсулот

Барои зардолуи хушки навъи олӣ ва якум калибркунонӣ, яъне муайян кардани андозаи он ҳатмӣ аст.
Андозаи маҳсулот аз рӯи аломатҳои зерин муайян мегардад:

- миқдори меваҳо дар 1 килограмм (1 000 г) ё
- андозаи (диаметри) он андозаи (диаметри) кӯтоҳтарини тарафи беруни пораи зардолу дар ҳолати муқаррарии он)

Якҷинсии андозаи маҳсулот бо воситаи яке аз ҷадвалҳои зерин муайян мегардад:

А. Аз рӯи миқдори меваҳо дар килограмм

| Рамзи (Коди) калибр | Миқдори меваҳои бутун бо донакҳо дар килограмм | Миқдори меваҳои бутун бе донакҳо дар килограмм | Миқдори пораҳо дар килограмм |
|---|---|---|---|
| 0 | Камтар аз 60 | Камтар аз 80 | Камтар аз 160 |
| 1 | 61–80 | 81–100 | 161–200 |
| 2 | 81–100 | 101–120 | 201–240 |
| 3 | 101–120 | 121–140 | 241–280 |
| 4 | 121–140 | 141–160 | 281–320 |
| 5 | 141–160 | 161–180 | 321–360 |
| 6 | 161–180 | 181–200 | 361–400 |
| 7 | 181–200 | 201–220 | 401–440 |
| 8 | 201 ва зиёдтар | 221 ва зиёдтар | 441 ва зиёдтар |

Барои таъмин намудани якҷинсии меваҳои навъи олӣ аз рӯи андоза - вазни даҳ зардолуи хушки аз ҳама вазнин на бояд аз вазни зардолуи хушки сабуки ҳамон андоза зиёдтар бошад.

В. Аз рӯи андоза (диаметр):

| Диаметр (мм) | Диаметр (дюйм) |
|---|---|
| 34 мм ва зиёдтар | 1 3/8 дюйм ва зиёдтар |
| 31–34 mm | 1 1/4–1 3/8 |
| 28–31 | 1 1/8–1 1/4 |
| 25–28 | 1–1 1/8 |
| 20–25 | 13/16–1 |
| Камтар аз 20 мм | Камтар аз 13/16 |

С. Ба истиснои андозаи дар ҷадвали А ва В ва рамзҳои андозаҳои дар ҷадвали А нишондодашуда, диапазонҳои андозаҳои зерин ҷоиз аст, ба шарте, ки диапазонҳои истифодашуда дар тамға ба таври мувофиқ нишон дода шавад:

| Рамзи (Коди) андоза | Микдори меваҳои бутун ва бе донак дар 1 килограмм | | |
|---|---|---|---|
| A | 140 ва камтар | или | 32 мм ва зиёдтар |
| B | 141–180 | или | 29–32 мм |
| C | 181–220 | или | 25–29 мм |
| D | 221–260 | или | 21–25 мм |
| E | 261 ва зиёдтар | или | камтар аз 20 мм |

Ҳангоми нишондоди рамзи андоза он набояд бо рамзҳои андозҳои варианти А мухолифат кунад.






**Расми 25**

Андозаи зардолуҳои хушк тавассути чен кардани диаметри калонтарини мева муайян карда мешавад.



# Муқаррарот, нисбати ҳадди иҷозат

# IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат

**Дар ҳамаи марҳилаҳои фурӯш дар ҳар як партияи маҳсулот мавҷудияти маҳсулоте, ки ба ҳадди аққали талаботи сифат ва калибр навъи мазкур ҷавобгӯ нест ҷоиз аст.**

### А. Иҷозат аз рӯи сифат

| Нуқсонҳои ҷоиз | Ҳадди ҷоизҳо, фоизи маҳсулоти нуқсондор аз рӯи миқдор ё вазн[(a)] | | |
|---|---|---|---|
| | Навъи олӣ | Навъи якум | Навъи дуюм |
| а) Ҷоиз будани маҳсулоте, ки ба талаботҳои ҳадди аққал ҷавобгӯ нестанд, на зиёд аз: | 9 | 15 | 20 |
| Маҳсулоти мағордошта | 1 | 1 | 1 |
| Маҳсулоти ба пусидан дучоршуда | 1 | 1 | 2 |
| Маҳсулоти захмдор | 1 | 2 | 4 |
| Маҳсулоти ферментатсияшуда (меваҳои бо консервантҳо коркарднашуда) | 2 | 3 | 5 |
| Маҳсулоти ферментатсияшуда (меваҳои бо консервантҳо коркардшуда) | 1 | 1 | 2 |
| Маҳсулотҳои ҳашаротҳои зинда дошта | 0 | 0 | 0 |
| Маҳсулоти гилолуд | 2 | 5 | 8 |
| Маҳсулоти осебдида ва офтобсӯхта | 5 | 8 | 10 |
| Маҳсулоти доғдошта | 3 | 5 | 10 |
| Маҳсулоти захмдор ва каллусдошта | 3 | 6 | 8 |
| b) Иҷозати андозаи маҳсулоте, ки ба андозаи нишондодашуда ҷавобгӯ нест (дар ҳолати муайян намудани андозаи он аз рӯи диаметр), ҳамагӣ | 10 | 10 | 10 |
| с) Ҷоиз будани дигар нуқсонҳо: моддаҳои бегона ва ғашҳои бегонаи аз растанӣ пайдошуда, бидуни донакҳо, пораҳои донак дар меваҳои бедонак(аз рӯи вазн) | 0.5 | 0.5 | 0.5 |
| Мавҷудияти донак, пораҳои донак ва шохчаҳо дар меваҳои бедонак | 1 | 1 | 2 |
| Мавҷудияти пораҳо дар байни меваҳои бутун ва нимаҳои он | 2 | 4 | 6 |
| Зардолуи хушки ба дигар навъ ё намудҳои тиҷоратӣ тааллуқ дошта, бидуни муқарраршуда. | 10 | 10 | 10 |

[(a)] **Вазни камтарин барои озмоиш 1 килограммро ташкил мекунад.**




# Муқарраroти намуди зоҳирии маҳсулот

# V. Муқаррароти намуди зоҳирии маҳсулот

## А. Якҷинсӣ

**Таркиби ҳар як борпеч бояд танҳо аз зардолуи хушки ҷинс ва баромад, сифат, шакл ва андоза якхеладошта, инчунин навъ ё соли ҳосили якхела (агар нишон дода шавад,) иборат бошад.**
**Қисми намоёни борпеч бояд ба сифати бор мувофиқат кунад.**

**Эзоҳ:** Зардолуи хушк бояд ба талаботи якҷинсии андоза ва ранг нисбати навъи мазкур, ки дар бандҳои II ва III муайян карда шудааст, ҷавобгӯ бошад.

Намуди зоҳирии маҳсулот набояд ба иштибоҳ андозад, яъне пинҳон кардани дар қабати поёни борпеч маҳсулоти сифаташ нисбатан паст ва андозаи хурд дар муқоиса бо маҳсулоти дар тамға нишододашуда ҷоиз нест.



Намунаҳои якҷинсии маҳсулот дар **расмҳои 26–28** нишон дода шудаанд.



**Расми 26**

Намуди зоҳирӣ: «Якҷинсӣ». Намуди зоҳирии навъи олӣ



**Расми 27**

Намуди зоҳирӣ: «Якчинсӣ». Намуди зоҳирии навъи якум





**Расми 28**

Намуди зоҳирӣ: «Якчинсӣ». Намуди зоҳирии навъи дуюм

## B. Борпечкунӣ

**Зардолуи хушк бояд чунин борпеч карда шавад, ки нигоҳдории дурусти маҳсулот лозима таъмин карда шавад.**

**Маводҳое, ки дар дохили борпеч истифода мешаванд, бояд тоза ва бо сифат бошад, то ки ба намуди зоҳирӣ ва дохилӣ маҳсулот осеб нарасад. Истифодаи маводҳо, аз ҷумла коғаз ё тамғаҳо дар таснифоти маҳсулот дар ҳолати истифодаи ранг ва ширешҳои безаҳр ҷоиз аст.**

**Мутобиқи ҷадвали иҷозатшуда, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат» оварда шудааст, борпеч набояд ягон намуди моддаҳои бегона дошта бошад.**

**Эзоҳ:** Зардолуи хушк бояд чунин борпеч карда шавад, ки нигоҳдории дурусти маҳсулот ҳангоми таҳвил, боркунӣ ва борфурорӣ таъмин карда шавад.

Тибқи муқаррароти зерин маводи дар дохили борпеч истифодашаванда бояд маҳсулотро мувофиқи талабот нигоҳ дошта тавонанд. Маводи тоза бояд барои ҳифзи маҳсулот аз моддаҳои бегона, масалан баргҳо, хок, ки ба намуди зоҳирии маҳсулот таъсири манфӣ расонида метавонанд, истифода шаванд.



Намунаи борпечҳо дар **расми 29** нишон дода шудаанд.

**Расми 29**

Намунаи зардолуи хушк дар борпечи истеъмолӣ



# Муқарраротӣ тамғазанӣ

# VI. Муқаррароти тамғазанӣ

**Дар ҳар як борпеч[3] бояд бо ҳуруфоти хӯрданашаванда маълумоти дақиқ дар яке аз тарафи борпеч ҷой дода мешавад, ки аён ва фаҳмо бошад.**

**Эзоҳ:** Дар ҳар як борпеч маълумотҳои зарурӣ бояд дар яке аз тарафи борпеч ҷой дода шавад. Маълумотҳо бояд бо ранги хӯрданашаванда дар тамғаи борпеч ва ё худи борпеч нишон дода шаванд.

Дар ҳолати такроран истифода намудани борпеч тамға ва навиштаҷоти он бояд эҳтиёткорона канда шавад ва ё тоза карда шавад.

Дар борпечҳои истеъмолӣ тамғаҳо бояд ба талаботи кишвари истеъмолкунанда ҷавобгӯ бошанд.

## A. Тафриқаи мафҳум



**Борпечкунанда ва / ё борфиристанда.**

**Номгӯ ва суроға (масъалан кӯча/шаҳр/ноҳия/ индекс , мамлакат, агар он аз давлати истеҳсолкунанда набошад) ё аломати рамз, ки аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдор эътироф шудааст.**

**Эзоҳ:** Истилоҳи "борпечкунанда" шахс ва ширкате, ки ба сифати борпеч масъул аст, ифода мекунад. Номгӯи рамзӣ аломати мол нест. Он системаи расмии назорат аст, ки бо истифода аз он шахс ва ё ширкати ба сифати борпеч масъул муайян карда мешавад. Борфиристанда (таҳвилкунанда ва ё содироткунанда) метавонад масъулиятро ба дӯши худ гирад, ки дар ин ҳолат нишондоди «борпечкунанда» мутобиқи таърифи дар боло овардашуда факултативӣ аст.

## B. Тавсифи маҳсулот

**«Зардолу хушк» ё ҳангоми зарурат «Зардолу хушки бо намнокии зиёд ва ё номгӯи эквивалентии он»**

- **Шакл.**
- **Номгӯи навъҳо.(факултативӣ)**

## C. Баромади маҳсулот

**Давлати истаҳсолкунанда, ноҳияи парваришкунанда ва номгӯи миллӣ минтақавӣ ё маҳалӣ.**

**Эзоҳ:** Дар тамға бояд давлати истеҳсолкунанда, яъне давлате, ки дар он зардолуи хушк омода карда шудааст (Масалан, «Маҳсулоти Тоҷикистон», «Маҳсулоти Қирғизистон» ва ё «Маҳсулоти Узбекистон»). Ба таври ихтиёрӣ метавонад номи маҳалли истеҳсол нишон дода шавад (мисол, Исфара, Боткент ва ё Фарғона).

---

[3] Муқаррароти тамғазанӣ барои борпечҳои истеъмолӣ, ки дар борпеч мавҷуд аст, пешбинӣ намегардад.
[4] Қонунгузории як қатор давлатҳо, нишондодҳои дақиқи номгӯ ва суроғаро талаб мекунанд. Аммо ҳангоми истифодаи рамзҳо, қайди «борпечкунанда ва/ё борфиристанда» ( ва ё ихтисораи он) бояд дар назди рамз гузошта шавад. Дар баробарии ин пеш аз рамз бояд рамзи бо ҳарф ифодашудаи давлат, ки дар стандарти ISO 3166 пешбинӣ шудааст, агар он давлати истеҳсолкунанда бошад, коркард шавад.
[5] Бояд номгӯи пурра ва ё маъмулии маҳсулот коркард шавад.

## D. Тавсифи маҳсулот

**- Навъ**

Эзоҳ: - коркарди навъ ҳатмӣ аст

**-Андоза (дар ҳолати гузаронидани калибровкакунӣ), ки мутобиқи вариантҳо ифода шудааст.**

- **дар варианти А – рамзи рақамдор (чуноне, ки дар банди III муайян шудааст) ва / ё диапазон; ё дар**
- **варианти В –диаметр (чуноне, ки дар банди III муайян шудааст); ва ё дар**
- **варианти С – бо рамз ва диапазони бо ҳарф ифодаёфта**

**Эзоҳ:** Коркарди андоза барои зардолуи хушки навъи олӣ ва якум ҳатмӣ аст. Барои навъи дуюм ба таври факултативӣ аст. Андозаро вобаста ба миқдори мева дар як килограмм ва ё аз рӯи диаметр (диапазон бо миллиметр ва ё дюйм) муайян мекунанд.

**- Соли ҷамъоварии ҳосил (факултативӣ)**

**- « Бо тарзи табиӣ хушкшуда » (факултативӣ)**

**- «Мӯҳлати истифодабарӣ» бо нишондоди сана(факултативӣ)**

## E. Қайди расмии назорат (факултативӣ )

**Соли 1996 қабул шудааст.**
**Соли 2016 таҷдиди назар гардид.**

Намунаи тамғагузорӣ дар расми 30-32 нишон дода шудааст.



**Расми 30**

Тамғаи дар бастаи картонӣ гузошташуда



**Расми 31**

Тамғаи дар бастаи картонӣ гузошташуда




**Расми 32**

Тамға дар тарафи қафо мутобиқи талаботи давлати истеъмолкунанда гузошта шудааст.



# Замимаи I

## СИФАТИ МОЛИИ ЗАРДОЛУИ ХУШК*

## ТАЪРИФ ВА ТАСНИФОТ

Стандарти Комиссияи Иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттахид (КИА СММ) барои зардолуи хушк* ба зардолуҳои хушки бо SO2 коркардшуда ва коркарднашуда татбиқ мешавад, ки бевосита барои истеъмоли хӯрок муқаррар шудааст.
Зардолуи хушк ба навъьои зерин тақсим мешавад: **навъи олӣ, навъи якум, навъи дуюм.**
Таснифот мувофиқи нишондоди боби **«IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат»** барои стандарти мазкур иҷозат дода шудааст, муқаррар менамояд.



КОРКАРДШУДА КОРКАРДНАШУДА

## НУҚСОНҲОИ СИФАТӢ

**МАҲСУЛОТИ МАҒОРДОШТА**



**МАҲСУЛОТИ ДОҒДОШТА**



**МАҲСУЛОТИ БА ПУСИДАН ДУЧОРШУДА**



**МАҲСУЛОТИ ЗАХМДОР ВА КАЛЛУСДОШТА**



**МАҲСУЛОТИ АЗ ҲАШАРОТИ ЗАРАР – РАСОН ОСЕБДИДА**



**МОДДАҲОИ БЕГОНА ВА ҒАШҲОИ БЕГОНАИ АЗ РАСТАНӢ ПАЙДОШУДА**
(БИДУНИ ДОНАКҲО, ПОРЧАҲОИ ДОНАК ДАР МЕВАҲОИ БЕДОНАК)



**МАҲСУЛОТИ ФЕРМЕНТАТСИЯ – ШУДА**



**МАВҶУДИЯТИ ДОНАК, ПОРЧАҲОИ ДОНАК ВА ШОХЧАҲО ДАР МЕВАҲОИ БЕДОНАК**



**МАҲСУЛОТИ КАСИФ**
(ГИЛОЛУД)



**МАВҶУДИЯТИ ПОРЧАҲО ДАР БАЙНИ МЕВАҲОИ БУТУН ВА НИМАҲОИ ОН**



**МАҲСУЛОТИ ОСЕБДИДА ВА ОФТОБСУХТА**



* Стандарти КИА СММ барои зардолуи хушк ва шакли электронии овезаи мазкурро аз сомонаи зерин дастрас кардан мумкин аст: www.unece.org/trade/agr/welcome.html

* Стандарти КИА СММ бо се забони расмии Комиссияи Иқтисодии Аврупои Созмони Милали Муттаҳид русӣ, англисӣ ва фаронсавӣ нашр мегардад. Дар сурати ихтилофи нусхаи расмии овеза бо нусхаи ба забонҳои миллӣ тарҷумашуда, нусхаҳои англисӣ ва русӣ афзалият дорад.

# Замимаи II

**Стандарти КИА СММ DDP-15**
оиди таснифоти сифати
**ЗАРДОЛУИ ХУШК**

## I. Доираи татбиқи маҳсулот

Стандарти мазкур барои зардолуи хушки навъи Prunus armeniaca L.,ки барои истеъмол пешбинӣ шудааст, татбиқ гардида, барои зардолуи хушки коркардшуда ва ё барои коркарди саноати пешбинишуда ба истиснои зардолуи хушке, ки бо дигар маҳсулотҳо омехта шуда, барои истеъмол пешниҳод мегардад, татбиқ карда намешавад.

Намудҳои зардолуи хушк барои фурӯш:

- зардолуи хушки бутун бо донакҳо;
- зардолуи хушки бутун бе донакҳо;
- пораҳои зардолуи хушк, ки пеш аз хушк кардан бо роҳи буридан ба ду қисм тақсим шудааст ;
- зардолули хушки пухтагузашта: зардолуи бутун ва кафккардашудаи пораи шаклашон нодуруст, ғафсӣ ва андозаи нобаробардошта, ки шакли табии худро гум карда, канорашон пурра ҳамвор гардидааст.



## II.Муқаррароти сифати маҳсулот

Мақсади стандарти мазкур муайян намудани талабот ба сифати зардолуи хушк пас аз омода кардан ва борпечкунӣ , ҳангоми аз гузаронидани назорати содирот гузаронидан, мебошад.

Дар баробари ин ҳангоми татбиқ намудани стандарти мазкур, дар марҳилаҳои баъд аз содирот соҳиб/фурӯшанда ба риояи талаботи он масъул аст. Соҳиб/фурӯшандаи маҳсулот, ки талаботи стандарти мазкурро риоя намекунад, махсулоти навъи зеринро таҳвил ва ба фурӯш пешниҳод карда наметавонанд, ва ё онро бо ягон воситаи дигар таҳвил ва ба фурӯш броварда наметавонанд.

### A. Талаботҳои ҳадди ақал[1]

Ҳамаи намудхои зардолуи хушк ҳангоми риояи шартҳои махсус барои ҳар як навъи он ва ҳадди иҷозат бояд чунин бошад:

- зардолуи безахм; мавҷудияти қисмҳои хурди зоҳирӣ нуқсон ҳисобида намешавад ; меваҳои донакдор ва бедонак метавонанд ба фурӯш гузошта шаванд;
- зардолуи босифат; маҳсулоти пӯсида ё вайроншуда, ки барои истеъмоли инсон зараровар аст, ҷоиз нест;

[1] Таърифи истилоҳот ва нуқсонҳо дар замимаи 111 дар шакли намунавии стандарти «Истилоҳҳои тавсияшаванда ва таърифи нуқсонҳо барои стандартҳои маҳсулоти хушк (чормағзи хушк ва мағзи он) ва хушккардашуда» оварда мешавад. http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/StandardLayout/StandardLayout DDP_e.pdf%3e..

- тоза; бе ягон  моддаҳои бегона
- пурра инкишофефта;
- бе ҳашаротҳои зараррасон, новобаста аз марҳилаи инкишофи онҳо;
- бе нуқсонҳои зоҳирӣ зараррасонидашуда, инчунин маҷудияти ҳашаротҳои мурда ё канаҳо, боқимондаҳои онҳо.
- бе нуқсонҳои зоҳирӣ, қисмҳои рангашон дигаргуншуда ё доғҳои паҳншуда, ки аз дигар қисми маҳсулот фарқ мекунанд ва дар маҷмӯъ 5% руйи маҳсулотро рӯпӯш мекунанд;
- бе нахи мағоршуда;
- бе ферментатсия;
- бе намокии ғайриодди сатҳи маҳсулот;
- бе бӯй ё тамъи бегона, ба ғайр аз тамъи сабуки натрий хлорид ё хлориди калсий ва бӯйи консервантҳо, аз ҷумла дуокиси сулфур;

Ҳолати зардолуи хушк бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- ҳангоми интиқол, бор кардан ва борфурорӣ тоб оварда тавонад
- ба ҷойи таъиншуда дар ҳолати хуб расонида шавад .



## B. Миқдори намнокӣ[2]

Миқдори намнокӣ дар зардолуии хушк бояд чунин бошад:

- на кам аз 25,0% барои зардолуи хушки бо консервантҳо коркарднашуда;
- зиёда аз 25,0% аммо на кам аз 40,0%  барои зардолуи хушки бо консервантҳо коркардшуда ва ё бо воситаи дигар усулҳо бо мақсади нигоҳ доштани онҳо коркардшуда (масалан бо роҳи пастерезатсия) Дар баробари ин барои маҳсулоти намнокиаш аз 32% то 40% дар тамғаи он бояд баланд будани намнокии маҳсулот нишон дода шавад ва ё номи эквиваленти он  истифода шавад

ҷадвали 1

| Намуди маҳсулот | Ҳадди аксари намнокӣ бо  % (аз рӯи вазн) |
|---|---|
| Зардолуи хушки бо консервант коркарднашуда; | На зиёд аз 25,0% |
| Зардолуи хушки бо консервант коркардшуда; | Зиёда аз  25,0%, аммо на зиёд аз  40,0% |

## C. Таснифот

Тибқи  талаботи ҳадди иҷозати нуқсонҳо, ки дар банди  «IV. Муқаррарот нисбати  ҳадди иҷозат» оварда шудааст, зардолуи хушк ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:

навъи олӣ, навъи якум, навъи дуюм

Нуқсонҳои ҷоиз набояд ба намуди умумии маҳсулот, сифати ва намуди он дар борпеч таъсири манфӣ расонад.

[2] Миқдори намнокӣ бо усуле, ки дар замимаи I дар шакли намунавии стандарти «Муайян намудани нигоҳдории намнокӣ дар маҳсулотҳои хушк» нишон дода шудааст, муқаррар мегардад. http://www.unece.org/trade/agr/standard/dry/Standard ayoutDDP_e.pdf%3e. ҳангоми ба амал омадани баҳсҳо усули озмоишӣ тибқи эталон  истифода мегардад.

# III. Муқаррароти андозаи маҳсулот

Барои зардолуи хушки навъи олӣ ва якум калибркунонӣ, яъне муайян кардани андозаи он ҳатмӣ аст.
Андозаи маҳсулот аз рӯи аломатҳои зерин муайян мегардад:

- миқдори меваҳо дар 1 килограмм (1 000 г) ё
- андозаи (диаметри) он андозаи (диаметри) кӯтоҳтарини тарафи беруни порои зардолу дар ҳолати муқаррарии он

Якҷинсии андозаи маҳсулот бо воситаи яке аз ҷадвалҳои зерин муайян мегардад:

### A. Аз рӯи миқдори меваҳо дар килограмм

| Рамзи (Коди) калибр | Миқдори меваҳои бутун бо донакҳо дар 1 килограмм | Миқдори меваҳои бутун бе донакҳо дар 1 килограмм | Миқдори пораҳо дар 1 килограмм |
|---|---|---|---|
| 0 | Камтар аз 60 | Камтар аз 80 | Камтар аз 160 |
| 1 | 61–80 | 81–100 | 161–200 |
| 2 | 81–100 | 101–120 | 201–240 |
| 3 | 101–120 | 121–140 | 241–280 |
| 4 | 121–140 | 141–160 | 281–320 |
| 5 | 141–160 | 161–180 | 321–360 |
| 6 | 161–180 | 181–200 | 361–400 |
| 7 | 181–200 | 201–220 | 401–440 |
| 8 | 201 ва зиёдтар | 221 ва зиёдтар | 441 ва зиёдтар |

Барои таъмин намудани якҷинсии меваҳои навъи олӣ аз рӯи андозаи вазн даҳ зардолуи хушки аз ҳама вазнин на бояд аз вазни зардолуи хушки сабук ҳамон андоза зиёдтар бошад.

### B. Аз рӯи андоза (диаметр):

| Диаметр (мм) | Диаметр (дюйм) |
|---|---|
| 34 мм ва зиёдтар | 1 3/8 дюйм ва зиёдтар |
| 31–34 mm | 1 1/4–1 3/8 |
| 28–31 | 1 1/8–1 1/4 |
| 25–28 | 1–1 1/8 |
| 20–25 | 13/16–1 |
| Камтар аз 20 мм | Камтар аз 13/16 |

C. Ба истиснои андозаи дар ҷадвали A ва B ва рамзҳои андозаҳои дар ҷадвали A нишондодашуда, диапазонҳои андозаҳои зерин ҷоиз аст, ба шарте, ки диапазонҳои истифодашуда дар тамға ба таври мувофиқ нишон дода шавад:

| **Рамзи (Коди) калибр** | **Миқдори меваҳои бутун ва бе донак дар 1 килограмм** | | |
|---|---|---|---|
| **A** | **140 ва камтар** | **или** | **32 мм ва зиёдтар** |
| **B** | **141–180** | **или** | **29–32 мм** |
| **C** | **181–220** | **или** | **25–29 мм** |
| **D** | **221–260** | **или** | **21–25 мм** |
| **E** | **261 ва зиёдтар** | **или** | **камтар аз 20 мм** |

Ҳангоми нишондоди рамзи андоза он набояд бо рамзҳои андозҳо варианти A мухолифат кунад.

# IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат

Дар ҳамаи давраҳои фурӯш дар ҳар як партияи маҳсулот мавҷудияти маҳсулоте, ки ба ҳадди аққали талаботи сифат ва калибр навъи мазкур ҷавобгӯ нест ҷоиз аст.

## A. Иҷозат аз рӯи сифат

| Нуқсонҳои ҷоиз | Ҳадди ҷоиз, фоизи маҳсулоти нуқсондор аз рӯи миқдор ё вазн[a] | | |
|---|---|---|---|
| | Навъи олӣ | Навъи якум | Навъи дуюм |
| a) Ҷоиз будани маҳсулоте, ки ба талаботҳои ҳадди аққал ҷавобгӯ нестанд на зиёд аз: | 9 | 15 | 20 |
| Маҳсулоти мағордошта | 1 | 1 | 1 |
| Маҳсулоти ба пусидан дучоршуда | 1 | 1 | 2 |
| Маҳсулоти захмдор | 1 | 2 | 4 |
| Маҳсулоти ферментатсияшуда (меваҳои бо консервантҳо коркарднашуда) | 2 | 3 | 5 |
| Маҳсулоти ферментатсияшуда (меваҳои бо консервантҳо коркардшуда) | 1 | 1 | 2 |
| Маҳсулотҳои ҳашаротҳои зинда дошта | 0 | 0 | 0 |
| Маҳсулоти гилолуд | 2 | 5 | 8 |
| Маҳсулоти осебдида ва офтобсӯхта | 5 | 8 | 10 |
| Маҳсулоти доғдошта | 3 | 5 | 10 |
| Маҳсулоти захмдор ва каллусдошта | 3 | 6 | 8 |
| b) Иҷозати андозаи маҳсулоте, ки ба андозаи нишондодашуда ҷавобгӯ нест (дар ҳолати муайян намудани андозаи он аз рӯи диаметр) | 10 | 10 | 10 |
| c) Ҷоиз будани дигар нуқсонҳо Моддаҳои бегона ва ғашҳои бегонаи аз растанӣ пайдошуда, бидуни донакҳо, пораҳои донак дар меваҳои бедонак (аз рӯи вазн) | 0.5 | 0.5 | 0.5 |
| Мавҷудияти донак пораҳои донак ва шохчаҳо дар меваҳои бедонак | 1 | 1 | 2 |
| Мавҷудияти пораҳо дар байни меваҳои бутун ва нимаҳои он | 2 | 4 | 6 |
| зардолуи хушки ба дигар навъ ё намудҳои тиҷоратӣ тааллуқ дошта, бидуни муқарраршуда. | 10 | 10 | 10 |

[a] Вазни камтарин барои озмоиш 1 килограммро ташкил мекунад.

# V. Муқаррароти намуди зоҳирии маҳсулот

## A. Якҷинсӣ

Таркиби ҳар як борпеч бояд танҳо аз зардолуи хушки ҷинс ва баромад, сифат, шакл ва андоза якхеладошта, инчунин навъ ё соли ҳосили якхела (агар нишон дода шавад,) иборат бошад.
Қисми намоёни борпеч бояд ба сифати бор мувофиқат кунад.

## B. Борпечкунӣ

Зардолуи хушк бояд чунин борпеч карда шавад, ки нигоҳдории дурусти маҳсулоти лозима таъмин карда шавад.

Маводҳое, ки дар дохили борпеч истифода мешаванд, бояд тоза ва бо сифат бошад, то ки ба намуди зоҳирӣ ва дохилӣ маҳсулот осеб нарасад. Истифодаи маводҳо, аз ҷумла коғаз ё тамғаҳо дар ҳолати истифода намудани ранг ва ширешҳои безаҳр ҷоиз аст.

Мутобиқи ҷадвали иҷозатшуда, ки дар банди «IV. Муқаррарот нисбати ҳадди иҷозат» оварда шудааст, борпеч набояд ягон намуди моддаҳои бегона дошта бошад.



# VI. Муқаррароти тамғазанӣ

Дар ҳар як борпеч[3] бояд бо ҳуруфоти хӯрданашаванда маълумоти дақиқ дар яке аз тарафи борпеч ҷой дода мешавад, ки аён ва фаҳмо бошад.

## A. Тафриқаи мафҳум

Борпечкунанда ва / ё борфиристанда.

Номгӯ ва суроға (масалан кӯча/шаҳр/ноҳия/ индекс , мамлакат, агар он аз давлати истеҳсолкунанда набошад) ё аломати рамз, ки аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдор эътироф шудааст.

## B. Тавсифи маҳсулот

«Зардолу хушк» ё ҳангоми зарурат «Зардолу хушки бо намнокии зиёд ва ё номгӯи эквивалентии он»

- Шакл.
- Номгӯи навъҳо (факултативӣ)

## C. Баромади маҳсулот

Давлати истаҳсолкунанда, ноҳияи парваришкунанда ва номгӯи миллӣ, минтақавӣ ё маҳалӣ.

[3] Муқаррароти тамғазанӣ барои борпечҳои истеъмолӣ, ки дар борпеч мавҷуд аст, пешбинӣ намегардад.
[4] Қонунгузории як қатор давлатҳо, нишондодҳои дақиқи номгӯ ва суроғаро талаб мекунанд. Аммо ҳангоми истифодаи рамзҳо, қайди «борпечкунанда ва/ё борфиристанда» ( ва ё ихтисораи он) бояд дар назди рамз гузошта шавад. Дар баробарии ин пеш аз рамз бояд рамзи бо ҳарф ифодашудаи давлат, ки дар стандарти ISO 3166 пешбинӣ шудааст, агар он давлати истеҳсолкунанда бошад, коркард шавад.
[5] Бояд номгӯи пурра ва ё маъмулии маҳсулот коркард шавад.

## D. Тавсифи маҳсулот

- Навъ
-Андоза (дар ҳолати гузаронидани калибровкакунӣ), ки мутобиқи вариантҳо ифода шудааст.

- дар варианти А – рамзи рақамдор (чуноне, ки дар банди III муайян шудааст) ва / ё диапазон; ё дар
- варианти В –диаметр (чуноне, ки дар банди III муайян шудааст); ва ё дар
- варианти С – бо рамз ва диапазони бо ҳарф ифодаёфта

- Соли ҷамъоварии ҳосил (факултативӣ)
- «Бо тарзи табиӣ хушкшуда» (факультативӣ)
- «Мӯҳлати истифодабарӣ» бо нишондоди сана(факултативӣ)

## E. Қайди расмии назорат (факултативӣ )



Соли 1996 қабул шудааст.
Соли 2016 таҷдиди назар гардид.

## D. Товарные характеристики

Сорт.

Калибр (в случае проведения калибровки), выраженный в соответствии с:

- вариантом A – цифровым кодом (как определено в Разделе III) и/или диапазоном; или
- вариантом B – диаметром (как определено в Разделе III); или
- вариантом C – буквенным кодом и диапазоном.

- Год сбора урожая (факультативно).
- «Высушенные естественным способом» (факультативно).
- «Срок годности» с указанием даты (факультативно).

## E. Официальная отметка о контроле (факультативно)

Принят в 1996 году.
Пересмотрен в 2016 году.

• БАРОИ ҚАЙДҲО




